**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Аз таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф – Икромӣ Ф.Н. бармеояд, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ, ки бо афзоиши ноустувориҳои молиявӣ, тавсеаи ҳамгироии бозорҳои молиявӣ ва таҳдидҳои системавӣ тавсиф меёбад, масъалаи таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ аҳаммияти стратегии хос касб намудааст. Дар ин замина, танзими макропруденсиалӣ ҳамчун зернизоми мустақили сиёсати молиявӣ ва пулию қарзӣ накши калидӣ мебозад ва ниёз ба таҳқиқоти амиқи илмӣ дорад.

Дар автореферат сохтори консептуалӣ ва мантиқи таҳқиқоти илмӣ бо дараҷаи баланди методологӣ оварда шудааст. Мақсад, вазифаҳо, объекти ва мазуи тадкиқот на танҳо ба таври дуруст муайян шудаанд, балки дар ҳамгироии мантиқӣ қарор доранд. Муаллиф дар асоси таҳлили танқидии назарияҳои классикӣ ва муосири молия, консепсияҳои макропруденсиалӣ ва моделҳои идоракунии низоми хавфҳои бонкӣ, заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқотро ба таври мукаммал дарҷ намудааст.

Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқот дар рушди минбаъдаи назарияи танзими макропруденсиалӣ, дақиқсозии моҳият, принсипҳо ва унсурҳои механизми таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ, инчунин дар таҳияи равишҳои методологии арзёбии устувории молиявии низоми бонкӣ ифода меёбад. Пешниҳодҳои илмии муаллиф хусусияти пайдарҳамӣ дошта,

метавонанд ҳамчун асос барои ташаккули сиёсати макропруденсиалии миллӣ хизмат намоянд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар имконияти татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти мақомоти танзимкунандаи низоми бонкӣ, хусусан ҳангоми таҳияи стратегияҳои макропруденсиалӣ, такмили механизмҳои назоратӣ, инчунин ҳангоми мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити иқтисоди миллӣ зоҳир мегардад. Маводи таҳқиқот ҳамзамон метавонад дар таҳсилоти олӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотии минбаъда истифода шавад.

Автореферат ба таври возеҳ ва низомманд мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, хулосаҳо ва натиҷаҳои илмӣ бо сатҳи баланди далелнокӣ ва асоснокии методологӣ пешниҳод шудаанд. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда гувоҳи аз санҷиши ҷиддии илмӣ гузаштани онҳо мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи баланди таҳқиқот, дар автореферат баъзе нуктаҳои ҷузъии баҳсбарангез ё такмилталаб мушоҳида мегарданд, ки бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии рисола таъсири назаррас намерасонанд ва метавонанд дар доираи таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф такмил дода шаванд:

1. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар баррасии нақши ниҳодҳои танзимкунанда (Бонки марказӣ, Вазорати молия ва дигар сохторҳо) механизми танзими макропруденсиалиро возеҳ ва равшантар ифода мекард (саҳ. 18).

2. Истифодаи усулҳои моделсозии пешрафта (масалан, стресс-тестинг ё сенарияи макроиқтисодӣ) камтар инъикос ёфтааст (саҳ. 40-42).

3. Муаллиф дар саҳ. 51, ҷадвали 14 оид ба “Дурнамои нишондиҳандаҳои умумии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ то соли 2040” маълумот пешниҳод намудааст. Беҳтар мешуд, агар дурнамои як ё ду бонк ҳамчун мисоли воқеӣ низ нишон дода мешуд.

Эродҳои баёнгардида дорои хусусияти тавсиявӣ буда, сатҳи аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд.

Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи муҳтавои автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи докторӣ дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» ба талаботи муқарраргардидаи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар қоидаҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Икромӣ Фазлиддин Нуриддин барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**ректори Донишгоҳи ДБССТ** **Асрорзода У.С.**

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Асрорзода У.С. - ро тасдиқ мекунам:

**Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

7. 02. 2026с.

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
**Тел.:** (+ 992 37) 234 88 02
**E-mail:** rector@iutet.tj